«Тасдиқ мекунам”
Ректори МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-ичтимоии Тоҷикистон”
_________ н.и.и. Ибодзода З.Ҳ.
аз “_27_” _12_ 2021, № _11_

# ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ ТРИМЕСТР ДАР МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ “ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН”

1.Тартиби ташкил ва гузаронидани триместр дар “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” дар асоси банди 10-и Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” таҳия карда шудааст.

2.Триместр дар донишкада барои донишҷӯёне, ки аз фанҳои таълимӣ қарздор мондаанд ва ё бо сабабҳои гуногун ба имтиҳонҳои ниҳоӣ иштирок накардаанд, баргузор карда мешавад.

3.Триместр дар асоси пешниҳоди қисми таълим, маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ ва садорати факултетҳо ва дар мувофиқа бо ректори донишкада ташкил ва баргузор карда мешавад.

4.Муҳлати гузаронидан ва давомнокии триместр тибқи тақвими академии раванди таълим, ки аз тарафи ректори донишкада тасдиқ карда шудааст, муқаррар карда мешавад.

5.Триместр дар донишкада дар асоси ҷадвали тасдиқкардашуда аз ҷониби муовини ректори донишкада оид ба таълим ва таҷрибаомӯзи ташкил ва баргузор карда мешавад.

6.Зарурати дар триместр таҳсил намудани донишҷӯ дар донишкада дар асоси ҷой доштани ҳолатҳои зерин муайян карда мешавад:

-дар як даври академӣ (ҷамъбасти давраи асосии сессияи фаъоли имтиҳонӣ) на зиёда аз ду фанҳои ҳатмӣ баҳои F (ғайриқаноатбахш) гирифтани донишҷӯ;

-ҳангоми аз 25 хол паст будани натиҷаи рейтингҳои 1, 2 ва дар ҳамин асос барои супоридани имтиҳони ниҳоӣ иҷозат надоштани донишҷӯ;

-насупоридани имтиҳонҳо дар муҳлати як моҳе, ки тибқи банди 3-и Тартиби мазкур муқаррар карда шудааст;

-паст будани натиҷаи холи умумии миёнаи бадастоварда (GPA)-и донишҷӯён нисбат ба холи умумии миёна (GPA)-и дар банди 54-и Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” вобаста ба курсҳо муайянгардида;

-ба таври систематикӣ (зиёда аз 25%) ба дарсшиканӣ роҳ додани донишҷӯ дар машғулиятҳои дарсии ин ё он фанни таълимӣ.

6.Триместр дар донишкада бо назардошти риояи талаботи зерин ташкил ва баргузор карда мешавад:

-агар донишҷӯён аз як фанни таълимӣ зиёда аз 8 нафар қарзи академикӣ гиранд, аз фанни мазкур дарсҳои иловагӣ ташкил карда мешавад;

Сканировано с CamScanner

-дар ҳолати аз 8 нафар кам будани донишҷӯён гурӯҳ ташкил карда намешавад ва азхуд намудани барномаи таълимии фан аз ҷониби донишҷӯён дар шакли гузаронидани мусоҳиба аз ҷониби омӯзгори фанни таълимӣ бо донишҷӯён ва аз ҷониби онҳо ба таври инфиродӣ аз худ намудани маводи таълимии фан амалӣ гардонида мешавад;

-сарфи меҳнати омӯзгор дар триместр (ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ дар гурӯҳҳо ё дар шакли мусоҳиба ё машғулиятҳои инфиродӣ иҷро намудани сарбории таълимӣ бо донишҷӯёни қарздор) ба тариқи соатбайъ пардохт мешавад;

-ҳаҷм ва арзиши пардохти соатҳои дар шакли мусоҳиба ё машғулиятҳои инфиродӣ иҷрогардидаи омӯзгор аз тарафи раёсати донишкада муайян карда мешавад.

7.Ба расмият даровардани триместр дар донишкада бо тартиби зерин сурат мегирад:

-донишҷӯ то оғози триместр барои иштирок барои супоридани имтиҳон ба маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ ариза пешниҳод менамояд;

-маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ дар мавриди ташкили гурӯҳ дар мувофиқа бо кафедра ному насаби омӯзгорро муайян карда, ҷадвали машғулиятҳои дарсии триместрро тартиб медиҳад. Пас аз пурра пардохт намудани маблағи таҳсил аз ҷониби донишҷӯён онро барои тасдиқ ба муовини ректор оид ба таълим ва таҷрибаомӯзӣ барои тасдиқ пешниҳод менамояд;

8.Масъулияти пардохти саривақтии маблағи таҳсил дар триместр аз ҷониби донишҷӯёни қарздор ба зиммаи Садорати факултет вобаста карда мешавад.

9.Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ аз рӯи натиҷаҳои триместр холи умумии миёна (GPA)-и донишҷӯро аз нав муайян менамояд.

10.Ҳангоми зарурият ба Тартиби ташкили ва гузаронидани триместр дар "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" бо қарори Шурои олимони донишкада тағйирот ворид карда мешавад.

11. Тартиби ташкили ва гузаронидани триместр дар "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" аз рӯзи ба имзо расиданаш мавриди амал қарор дода мешавад.

Тартиби ташкили ва гузаронидани триместр дар "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" дар Шурои Маркази таълимӣ-методии донишкада аз 24 12 2021, №4 баррасӣ карда шудааст.

Тартиби ташкили ва гузаронидани триместр дар "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон"дар Шурои олимони донишкада аз 29 12 2021, №5/53 баррасӣ карда шудааст.

## Варақаи мувофиқа

| Т/Р | НОМУ НАСАБ | ВАЗИФА | ТАЪРИХИ РӮЗ | ИМЗО |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Миҷгони Сорбон | муовини ректор оид таълим ва | 25.12.21 | |

Сканировано с CamScanner

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | таҷрибаомӯзӣ, номзади илмҳои тиб | | |
| 2. | Ахмедов Аламхон Ахмедович | муовини ректор оид ба илм ва иноватсия, узви вобастаи АИТ ҶТ, доктори илмҳои тиб, профессор | 25.12.21 | [signature] |
| 3. | Раҳмонов Шариф Мадиномович | Сардори Раёсати таълим | 27.12.21 | [signature] |
| 4. | Қурбонова Саида Махмадовна | Мудири Шуъбаи назорати сифати таҳсилот | 27.12.21 | [signature] |
| 5. | Ризоева Гулнора Икромовна | Декани факултети тиббӣ | 27.12.21 | [signature] |
| 6. | Эгамова Моҳира Маликовна | Декани факултети Стоматология ва фармасевтӣ | 27.12.21 | [signature] |
| 7. | Ҳайдарзода Бузургхони Маъруфхон | Декани факултети Психологияи тиббӣ ва Кори иҷтимоӣ (фаъолияти иҷтимоӣ-тиббӣ-тиббӣ) | 25.12.21 | [signature] |

## Варақаи шиносоӣ

| Т/Р | НОМУ НАСАБ | ВАЗИФА | ТАЪРИХИ РӮЗ | ИМЗО |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Пулотов Қ.Ҳ | мудири кафедраи фанҳои ҷарроҳия, номзади илмҳои тиб | 25.12.21 | [signature] |
| 2. | Раҳматуллоев А.А | мудири кафедраи фанҳои морфологӣ | 25.12.21 | [signature] |
| 3. | Қурбонова С.М | мудири кафедраи Психологияи тиббӣ | 25.12.21 | [signature] |
| 4. | Сайфуллоева М.Ҳ. | Мудири Кафедраи “Химияи умумӣ, ғайриорганикӣ, биоорганикӣ, таҳлилӣ, биологӣ, физколлоидӣ ва химияи таксикологӣ”, “Технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиники, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтӣ” | 27.12.21 | [signature] |
| 5. | Курбонова Г.Ҳ | мудири кафедраи стомотология | 27.12.21 | [signature] |
| 6. | Муродов С.С. | Мудри кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ, узв | 27.12.21 | [signature] |
| 7. | Раҳмонов Ш.М. | мудири кафедраи фанҳои таббию риёзӣ, номзади илҳои техникӣ | 27.12.21 | [signature] |
| 8. | Аброров С. | мудири кафедраи забонҳо, номзади илмҳои филологӣ | 27.12.21 | [signature] |
| 9. | Абдураҳмонов Н | мудири кафедраи биология ва фармокнозия- доктори илми биология | 27.12.21 | [signature] |

Сканировано с CamScanner

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 10. | Талабов О. | Мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ | 27.12.21 | |

Варақаи шиносоии иловагӣ (баъди зиёд гардидани кафедраҳо ва тағирот дар вазифаи мудирони кафедраҳо)

| Т/Р | НОМУ НАСАБ | ВАЗИФА | ТАЪРИХИ РӮЗ | ИМЗО |
|---|---|---|---|---|
| 1. | А.Ахмедов | Мудири кафедраи сиҳатии ҷомеъа ва тандурустии ҷамъиятӣ Узви вобастаи АМИТ, профессор | 05.09.23 | |
| 2 | Шукуров Ф.А | Мудири кафедраи физиологияи нормалӣ, профессор | 05.09.23 | |
| 3. | Сатторов С | Мудири кафедраи микробиология, виусология, профессор | 05.09.23 | |
| 4. | Соҳибова З.Н. | Мудири кафедраи гистология номзади илми тиб, дотсент | 05.09.23 | |
| 5. | Рофиева Ҳ.Ш. | Мудири кафедраи бемориҳои дарунӣ, номзади илми тиб | 05.09.23 | |
| 6. | Ҳалимова М.Б. | Мудири кафедраи беҳдошти умумӣ, номзади илми тиб | 05.09.23 | |
| 7. | МахзумоваМ. | Мудири кафедраи тибби оилавӣ, номзади илми тиб | 05.09.23 | |
| 8. | Орипова Р. | Мудири кафедраи акушерӣ ва гнекологӣ, номзади илми тиб | 05.09.23 | |
| 9. | Шамсиддинов А. | Мудири Кафедраи “Химияи умумӣ, ғайриорганикӣ, биоорганикӣ, таҳлилӣ, биологӣ, физколлоидӣ ва химияи таксикологӣ”, номзади илми химия | 05.09.23 | |
| 10. | Давлатова М. | мудири кафедраи фанҳои таббию риёзӣ, номзади илҳои техникӣ, номзади илми иқтисодӣ | 05.09.23 | |
| 11. | Шарифова А.Ш. | мудири кафедраи забонҳо, номзади илмҳои филологӣ | 05.09.23 | |
| 12 | Одинев И. | Мудирии кафедраи стоматологияи ортопедӣ, номзади илми тиб | 05.09.23 | |
| 13. | Ҷамшедов Ҷ. | Мудири кафедраи “Технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиники, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтӣ”, номзади илми биологӣ | 05.09.23 | |

Сканировано с CamScanner